«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
Қурбонзода М.Р. ____________
«___» ____________ соли 2025

# ХУЛОСАИ

МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» ба кори диссертатсионии унвонҷӯи кафедраи педагогикаи донишгоҳ Ализода Нусратулло Убайдулло дар мавзуи «Фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ)

Ба таҳқиқоти диссертатсионии унвонҷӯи кафедраи педагогикаи факултети педагогика ва варзиши МДТ «ДДБ ба номи Носири Хусрав» Ализода Нусратулло Убайдулло дар мавзуи «Фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 - Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод шудааст.

Ализода Нусратулло Убайдулло 20.05.1966 дар ноҳияи Кӯшониён дар оилаи зиёӣ ба дунё омадааст. Соли 1994 Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айниро хатм намуда, аз соли 1985 ба ҳайси омӯзгори фанни география дар МТМУ №41 ба кор шуруъ кардааст. Ализода Н.У. айни ҳол дар кафедраи географияи иқтисодӣ ва методикаи таълими географияи МДТ «ДДБ ба номи Носири Хусрав» ба ҳайси омӯзгори фанни география фаъолият дорад. Ализода Н.У. аз 27.05.2022 то инҷониб барои пеш бурдани корҳои илмӣ-таҳқиқотиаш ба ҳайси

унвонҷӯи кафедраи педагогикаи МДТ «ДДБ ба номи Носири Хусрав» фаъолияти илмӣ намуда истодааст.

Рисолаи номзадии унвонҷӯи кафедраи педагогика Ализода Н.У. дар мавзуи «Фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» зери роҳбарии Холназаров Санг, доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими фанҳои табиатшиносии МДТ «ДДБ ба номи Носири Хусрав» ба анҷом расидааст.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01-Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) аз ҷумла, ба:

Банди 2. Таърихи рушди илми педагогика ва амалияи таълим (рушди таърихии амалияи таҳсилот; ташаккул ва рушди афкор; консепсияҳо, назарияҳо; омӯзиши монографияи мероси педагогии омӯзгорони маъруфи замони гузашта); таърихи этнопедагогика, рушди лексика ва истилоҳшиносӣ); банди 3. Антропологияи педагогӣ (консепсияи тарбия, таълим ва иҷтимоисозии шахс тавассути таълим; низомҳои педагогӣ / шароитҳо / рушди шахсият дар раванди таълим, тарбия, таҳсилот); банди 5. Назария ва консепсияҳои тарбия (омилҳои иҷтимо-фарҳангии тарбия; шаклҳо, принсипҳои тарбияи кӯдак дар марҳилаҳои гуногуни ба камол расидани ӯ; асосҳои арзишии ташаккули раванди таълим, низомҳои педагогии тарбия; консепсияҳои этнопедагогии тарбия; робитаи мутақобилаи тарбияи шахсият ва рушди коллектив (ҷамъият), ҳаракати бачагона ва созмонҳо, таҳсилоти иловагӣ хамчун воситаи тарбияи шахс); банди 7. Педагогикаи амалӣ (ҷамъбасти таҷрибаи пешқадами педагогӣ; ҳаракати навоварона (инноватсионӣ) дар таълим; фаъолияти таҷрибавӣ-озмоишии муассисаҳои таълимӣ; тағйироти системавӣ дар фаъолияти касбию педагогии омӯзгор, аз ҷумла моҳият, сохтор, вазифаҳои он; фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар

соҳаи маориф, шарикии иҷтимоии муассисаҳои таълимӣ); банди 8. Педагогикаи муқоисавӣ (ҳолат, қонуният ва тамоюлҳои рушди назария ва амалияи педагогӣ, назария ва амалияи таълим дар кишварҳо ва минтақаҳои гуногуни ҷаҳон; таносуби тамоюлҳои умумии рушди таҳсилот, хусусиятҳои миллӣ ва минтақавӣ, имкониятҳо, асосноккунӣ ва роҳу воситаҳои ғанисозии мутақобилаи низомҳои миллии таҳсилот тавассути истифодаи таҷрибаи хориҷӣ, ошкорсозии таҷрибаи пешқадам дар соҳаи маориф).

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллиф дар ташкили таҳқиқот ва ба даст овардани натиҷаҳо ва инчунин аз муайян кардани асосҳои назариявӣ-методологӣ ва коркарди низоми педагогӣ ва маҷмӯи шароити педагогии фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар раванди таълиму тарбияи муассисаи таълимӣ, роҳбарӣ ба кори таҷрибавӣ озмоишии он, коркарди низоми педагогии фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон; таъмини ташкили илмӣ–методии фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон иборат аст.

**Мақсади таҳқиқот:** муайян кардани ҳолати низоми фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагони зинаи болой ҳамчун қисмати муҳимми мустақилонаи раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таълимӣ дар асоси назария ва маҷмуи шароити педагогӣ барои рушди шахсияти босалоҳият мебошад.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар муқарраpоти зерин ифода меёбад:

- пояҳои назариявии фаъолияти мустақилонаи хонандагон таҳия карда шуд, ки муҳтавои он дархосту тақозои муосирро ба раванди омӯзишу парвариш инъикос менамояд;

- структураи-муҳтавой ва структураи-вазифавӣ ва педагогии фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар ҷараёни омӯзишу парвариш таҳия карда шуд;

- низоми педагогии таҳия карда шуда, маҷмуи робитаҳои сохторӣ ва функсионалии қисматҳои муайянкунандаи ягонагии мустаҳкам, мукаммале мебошанд, ки барои расидан ба ҳадаф ва вазифаи баланд бардоштани фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон равона карда шудааст;

- асоснок карда шудааст, ки натиҷанокии фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар раванди таълиму тарбияи муассисаҳои таълимӣ аз амалӣ намудани маҷмуи шароитҳои педагогӣ вобаста мебошад;

- омилҳое, ки ба фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон таъсир мерасонанд муайян ва ҳамзамон дар бораи онҳо маълумот дода шуд.

**Заминаҳои эмпирикии таҳқиқотро** муносибати амалии муаллифи рисола бо объектҳои таҳқиқшаванда: омӯзиши адабиёти илмӣ-методӣ марбут ба мавзуъ, омӯзиши адабиёти умумии дидактикӣ ва назариявӣ оид ба педагогика, психология ва методикаи таълим: омӯхтан ва таҷрибаи пешқадами педагогӣ, ҳамчунин тавассути истифода аз методҳои эмпирикӣ-суҳбат ва саволномаҳо бо омӯзгорону хонандагон, таҳлилу таҳқиқи ҳуҷҷатгузорӣ ва натиҷаҳои фаъолияти таълимии омӯзгорони оянда, гузаронидани озмоишҳои муқарраркунанда ва ташаккулдиҳанда, ҷамъбасти далелу маълумоти дар ҷараёни омӯзиш бадастомада ва таҳлилу баррасии муқоисавии натиҷаҳои онҳо, усулҳои хударзёбӣ ва арзёбиҳои методҳои омории математикӣ ташкил медиҳанд.

Аз руйи кори диссертатсионӣ руйхати таълифоти унвонҷӯ чунин аст, муҳимтарини онҳо:

**1. Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашргардида:**

[1-М] Алиев Н.У. Таҳлили проблемаи фаъолгардонии маърифати мустақилонаи шахсият. Паёми Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи

Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ.) №1/1 (51). – 2018. - С. 68-75. ISSN 2309-6764.

[2-М] Алиев Н.У. Холназаров С. Асосҳои назариявӣ-методологии фаъолгардонии маърифати мустақилонаи таълимгирандагон дар муассисаҳои таълимӣ. Паёми Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав (маҷаллаи илмӣ.) №1/2 (53). – 2018. - С. 78-85. ISSN 2309-6764.

[3-М] Алиев Н.У., Холназаров С. Фаъолгардонии маърифати мустақилонаи хонандагон ва омилҳои таъсиррасонии он дар раванди таълим. Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, №9.– 2019. - С. 303-307. ISSN 2074-1847.

[4-М] Ализода Н.У. Роҳҳои баланд бардоштани фаъолияти маърифатии хонандагон дар раванди таълими география. Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, №1/2. – 2021. - С. 157-160. ISSN 2663-5534.

[5-М] Холназаров С., Ализода Н.У. Омилҳои ёрирасони истифодаи корҳои мустақилона дар фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон. Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав № 1/3. (137) – 2025. - С. 244-247. ISSN 2663-5534.

[6-М] Ализода Н.У. Рушди фаъолгардонии фаъолияти таълимию маърифатии хонандагон дар раванди иҷрои корҳои мустақилона. Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, №1/3. (137). - 2025. С. 355-359. ISSN 2663-5534.

**2. Мақола ва маводҳое, ки дар дигар маҷмуа ва маводи конференсияҳо ба чоп расидаанд:**

[7-М] Алиев Н.У. Таърихи омӯзиши проблемаи фаъолгардонии маърифати мустақилонаи шахсият // Маводи конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи Рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи истиқлолият. Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. соли 2018. - С. 251-263.

[8-М] Холназаров С., Алиев Н.У. Фаъолгардонии маърифати мустақилонаи таълимгирандагон дар муассисаҳои таълимӣ // Маводи

конфронси илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи истиқлолият», соли 2018. - С. 205-217.

[9-М] Алиев Н.У. Фаъолгардонии муносибати босалоҳият дар раванди омӯзиши фанни география // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Проблемаҳои татбиқи муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои табиӣ-риёзӣ ва технологияи информатсионӣ» ба муносибати 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ДДОТ ба номи С. Айнӣ, соли 2019. - С. 190-193.

[10-М] Ализода Н.У., Наимзода Н.Қ. Усулҳои фаъолгардонии корҳои мустақилона дар раванди омӯзиши фанни география // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ дар мавзуи «Масъалаҳои муосири математика ва методикаи таълими он». Бахшида ба 25-солагии Конститутсияи ҷумҳурии Тоҷикистон ва 80-солагии доктори илмҳои педагогӣ, профессор Шарифзода Ҷумъа Шариф. Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, соли 2019. - С. 36-38.

[11-М] Ализода Н.У., Асомуддинова М. Вазифаҳои инкишофи таълимӣ-маърифатии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба «65 - солагии таъсисёбии факултети биологияи ДДОТ ба номи С.Айнӣ» ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» таҳти унвони «Тағйирёбии иқлим ва таъсири он ба организмҳои зинда», «Вазъи муосири гуногунии биологӣ, ҳифз ва истифодаи оқилонаи он» ва «Биология - ҳамчун илми рушдёфтаи замони муосир ва проблемаҳои ояндаи он» (ш. Душанбе, 28-29 апрели соли 2023). - С. 262-264.

[12-М] Муминов А.Х., Ализода Н.У. Саҳми Носири Хусрав дар бунёди хазинаи мероси фарҳангӣ ва педагогии мардуми шарқ. // Маводи конференсияи илми-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «муаммоҳои омӯзиши осори Носири Хусрав ва саҳми ӯ дар таърихи таммадуни тоҷикон», бахшида ба 1020-солагии мутафаккири бузург (25-26 октябри

соли 2024) Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав, Институти илмӣ-таҳқиқотии таърихи илмҳои табиатшиносӣ ва техникӣ. - С. 323-326

[13-М] Ализода Н.У. Система активизации самостоятельной деятельности учащихся в просцессе обучения и воспитания в образовательных учреждениях // Материалы IV Международной научно-практической конференция: «Современные научные исследования, методология, практика» Россия город-курорт. Анапа17-марта 2025 года. - С. 4-8.

Бо дарназардошти хулосаҳои муқарризон ва иштирокчиён ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи педагогикаи МДТ «ДДБ ба номи Носири Хусрав»

**қарор кард:**

1. Диссертатсияи илмии унвонҷӯи кафедраи педагогикаи факултети педагогика ва варзиши МДТ «ДДБ ба номи Носири Хусрав» Ализода Нусратулло Убайдулло дар мавзуи «Фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» кори илмии мустақилонаи муаллиф, ки дар он унвонҷӯ ба ҳалли вазифаҳои пеш бурдани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ гузошташуда ноил шудааст, бaанҷомрасида ҳисоб карда шавад.

2. Диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи педагогикаи факултети педагогика ва варзиши МДТ «ДДБ ба номи Носири Хусрав» Ализода Нусратулло Убайдулло дар мавзуи «Фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» барои ҳимоя ба Шурои муштараки диссертатсионии 6D.КОА-002 - и назди Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдулоҳи Рӯдакӣ пешниҳод карда шавад.

3. Диссертатсияи илмии унвонҷӯи кафедраи педагогикаи факултети педагогика ва варзиши МДТ «ДДБ ба номи Носири Хусрав» Ализода Нусратулло Убайдулло дар мавзуи «Фаъолгардонии фаъолияти мустақилонаи хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ» ба

талаботи «Низомномаи Шурои диссертатсионӣ» ва «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, ҷиҳати дифоъ тавсия дода мешавад.

Қарори мазкур дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи педагогикаи факултети педагогика ва варзиши МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», №7 А аз 05.03.2025 қабул гардидааст. Дар ҷаласа 21-нафар иштирок доштанд.

**Натиҷаҳои овоздиҳӣ:**

**Тарафдор: 21 - нафар;**

**Зид: - нест;**

**Бетараф: - нест.**

Раиси ҷаласаи кафедраи педагогикаи
факултети педагогика ва варзиши
МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав», номзади
илмҳои педагогӣ, дотсент Бобоева Г.Ш.

Котиби ҷаласа, номзади
илмҳои педагогӣ, сармуъаллим Каримова М.М.

*Имзои Г.Ш. Бобоева ва М.М. Каримоваро тасдиқ менамоям:*
Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав» Исозода Т.И.

Суроға: 735140, ш.Бохтар, кӯч.Айнӣ 67;
Тел: (+992-3222) 2-54-81, 2-22-53;
Почтаи электронӣ: bgu-1987@mail.ru;
Сомона: www.btsu.tj.